**«Тасдиқ мекунам»**

**Ректори ДДТТ ба номиАбӯалӣ**

**ибни Сино д.и.т., профессор**

**Гулзода М.Қ. __________**

**«____» _________ 2018**

# Низомномаи

махфили «Мубоҳисон» (Avicenna Debate Club)-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣибни Сино

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Маҳфили Мубоҳисон («Avicenna Debate Club») (минбаъд - ММ) – иттиҳоди ихтиёрии донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад, ки рушди таҳаммулпазирӣ, маҳоратҳои сӯҳбат кардан, мантиқ, фикрронии танқидӣ ва хислатҳои роҳбарии ҷавононро амалӣ мекунад.

1.2. ММ мувофиқи Низомномаи Шуъбаи кор бо ҷавонони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино таъсис дода мешавад.

1.3. ММ дар фаъолияти худ Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ дар бораи таҳсилот, Қонун доир ба сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Шуъбаи кор бо ҷавонони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, инчунин Низомномаи мазкурро дастури амали хеш қарор медиҳад.

1.4. Фаъолияти ММ ба принсипҳои ошкорбаёнӣ, шаффофият, ба назар гирифтани андешаҳои ҳар як узви ММ, муҳокимаи озоди масъалаҳо ва қабули дастаҷамъонаи қарорҳо асос меёбад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳо

2.1. Мақсадҳои ММ:

2.1.1. инкишоф додани хислатҳои шахсӣ ва касбии донишҷӯён, мутахассисони ҷавон бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо;

2.1.2. ташаккул ва рушди донишҷӯёни боистеъдод ва ташаббускор;

2.1.3. ҷорӣ намудани усулҳои муосири омӯзиши интерактивӣ дар раванди таълим;

2.1.4 инкишоф додани қобилияти фикрронии танқидӣ, малакаҳои суханварӣ ва муоширатии аъзои ММ;

2.1.5 ҷалб намудани таваҷҷуҳи донишҷӯён ба мушкилоти нисбатан муҳими донишгоҳ, шаҳр, минтақа, мамлакат ва ҷаҳон

2.1.6. мутобиқи масъалаҳои мавриди баррасӣ - такмил додани қарорҳои созишкоронаи дар амалия потенсиалӣ истифодашаванда;

2.1.7. инкишофи озодонаи шахсияти эҷодии касбӣ; маҳорати нуқтаи назари худро маъқул кунондан, дигарҳоро бовар кунондан, инчунин хатоиҳои худро ба эътибор гирифтан;

2.1.8. ба худидоракунии иҷтимоӣ ва касбии аъзои ММ мусоидат кардан.

2.1.9. ба инкишоф ва устуворгардонии маҳфилҳои мубоҳисавии ватанӣ ва хориҷӣ мусоидат кардан;

2.1.10. инкишоф ва мукаммалгардонии бозиҳо, такмил додан ва санҷиши форматҳои нав;

2.1.11. мусоидатҳои фаъол ва созанда бо дигар ММ;

2.1.12. навсозиҳои мунтазами ҳайати аъзои ММ.

2.2. Барои ба мақсадҳои мазкур ноил шудан, чунин вазифаҳо иҷро карда мешаванд:

2.2.1 ҷалб кардан (инкишофдодани) - таваҷҷуҳи ҷавонон ва донишҷӯён ба равандҳои муосири иҷтимоӣ-сиёсӣ;

2.2.2. ташаккули фарҳанги сиёсӣ дар насли наврас;

2.2.3. андӯхтани таҷриба ва рушди фарҳанги муҳокимаи кушода (умумӣ)-и масъалаҳои иҷтимоӣ муҳим;

2.2.4. инкишоф додани маҳорати назди шунавандагони гуногун бо боварӣ ва зебо баромад кардан, далелнок мӯътақид кардан, маҳорати мантиқан андеша кардан ва дуруст мунозира (баҳс) кардан.

## 3. Самтҳои фаъолияти ММ

3.1. Самтҳои фаъолият мутобиқи максаду вазифаҳои муқарраркардаи Низомномаи мазкур ва нақшаи кории Шуъбаи кор бо ҷавонони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино муайян карда мешаванд.

3.2. Самтҳои асосии  фаъолияти ММ:

3.2.1. васеътар кардани дараҷаи дониши аъзои ММ,  ба омӯзиши  донишҳои муосири умумӣ ва тахассусии онҳо мусоидат кардан;

3.2.2. таҳсили иловагӣ ва худомӯзии аъзои ММ, инчунин ҳосил кардани донишу  маҳоратҳо дар соҳаи PR, имиҷ ва тарғибот;

3.2.3. инкишоф додани ҳисси ҳамдилӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми якдигар; маҳорати дигаронро гӯш кардан ва дастаҷамъона қабул кардани қарорҳо;

3.2.4. инкишофи устувории равонӣ, боварӣ ба худ, худбаҳодиҳии мусбат;

3.2.5. инкишофи маҳорати дида тавонистани тарафҳои мусбат  ва манфии тамоми масъалаҳо, маҳорати вазъиятро ба таври стратегӣ андеша карда, таҳлил карда тавонистан;

3.2.6. инкишофи ҳамкориҳо ва робитаҳо байни донишҷӯён ва дигар иттиҳодҳои ҷавони ҷамъиятӣ;

3.2.7. ҷалб намудани  ҳаммаслакони нав  ба ММ;

3.2.8. тарғиботи ММ дар муҳити ҷавонон, тавассути сомонаи донишгоҳ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва рӯзномаи «Ворисони Сино».

## 4. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзои ММ

4.1. Ба ММ донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, донишҷӯёни дигар муассисаҳои таълимӣ, инчунин намояндагони дигар мактабҳо аз  рӯи мутобиқат бо координаторҳои лига аъзо шуда метавонанд, ки  ақидаҳои ҳаракатҳои мунозиравиро қабул мекунанд.

4.2. Аъзои ММ метавонанд барои иштирок дар бозиҳои мунозиравӣ, мусобиқаҳо ва форумҳо ба дастаҳо муттаҳид шаванд;

4.3. Ҳуқуқ ва масъулиятҳои аъзои ММ ба мақсаду вазифаҳои муқарраркардаи  Низомнома мазкур ва Низомномаи Шуъбаи кор бо ҷавонони ДДТТ ба номи Абӯалӣибни Сино асос ёфтаанд.

4.4. Аъзои ММ ҳуқуқ дорад:

4.4.1. ҷавононро ба иштирок дар фаъолияти ММ ҳавасманд гардондан;

4.4.2. инкишоф додан ва дастгирӣ кардани ташаббусҳои ба инкишофи патриотизм, тахаммулпазирӣ ва хусусиятҳои раҳбарии ҷавонон равонашуда;

4.4.3. бо розигии роҳбарияти ДДТТ - донишгоҳро дар бозиҳо, мусобиқаҳо, форумҳо, инчунин дар дигар чорабиниҳои ҷамъиятии ин соҳа намояндаги кардан;

4.4.4. ташаккул додани механизмҳои ҷалбкунии ҷавонон ба фаъолиятҳои гуногуни ҳаракати мунозиравӣ;

4.4.5. ворид кардани пешниҳодоти марбути фаъолияти ММ ва дар муҳокима ва истифодашавии онҳо иштирок кардан;

4.4.6. гирифтани иттилоот доир ба фаъолияти ММ;

4.4.7. дар асоси хоҳиши худ озодона аз аъзогии ММ баромадан;

4.4.8. дар мақомоти ҳамоҳангшуда интихоб намояд ва ба он интихоб карда шавад.

4.5. Уҳдадориҳои узви ММ:

4.5.1. донистани Муқаррароти мазкур;

4.5.2. мутобиқи мақсаду вазифаҳои асосии фаъолияти ММ амал кардан;

4.5.3. дар кори ММ, банақшагирӣ ва гузарондани чорабиниҳо иштирок кардан;

4.5.4. тамоми қарорҳои маҷлиси умумии ММ-ро иҷро кардан;

4.5.5. талаботи Муқаррароти мазкур ва ухдадориҳои ба зима гирифтаашро иҷро кардан;

4.5.6. дар маҷлисҳои ММ иштирок кардан;

4.5.7. барои дигарон намуна будан, тарзи ҳаёти солимро пеш бурдан, ба одамон некӣ кардан, нисбат ба наздикон ҳисси таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром доштан;

4.5.8. барои рафтору кирдори худ ҷавоб додан, баробарҳуқуқии ҳамаи одамонро эътироф кунад, бо мақсади беҳбудии ҷамъият меҳнат кардан;

4.5.9. амалҳои вайронкунандаи Муқаррароти мазкур, этикаи муносибати байниҳамдигарӣ, инчунин амалҳое, ки ба ММ зарари моддӣ ё маънавирасонанда содир накунад, аз фаъолияти мухолифи мақсаду вазифаҳои ММ худдорӣ намудан;

4.5.10 номи неки худ ва шаъну шарафи ММ ҳифз кардан.

## 5. Идоракунии фаъолият ва сохтори ММ

5.1. Мақомоти роҳбарикунандаи ММ - Шуъбаи кор бо ҷавонони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад.

5.2 .Фаъолияти ММ-ро ҳамоҳангсози (координатори) он, ки дар маҷлиси умумӣ  аз шумораи аъзои ММ ба муҳлати як сол интихоб мегардад, ташкил мекунад.

5.3. Салоҳиятҳои координатори  ММ:

5.3.1. гузарондани ҷаласаҳои маҷлиси умумии аъзои ММ бо ҳуқуқи  овози ҳалкунанда;

5.3.2. намояндагии манфиатҳои ММ дар Шуъбаи кор бо ҷавонони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, дар маъмурияти донишгоҳ, инчунин назди роҳбарияти муассисаҳои иҷтимоӣ, маҳфилҳо, ассотсиатсияҳо ва ғ.

5.4. Салоҳиятҳои маҷлиси умумӣ:

5.4.1 муайян кардани стратегияи инкишофи ММ;

5.4.2 ташкил ва доир кардани интихоботи ҳамоҳангсоз (координатор)-и ММ;

5.4.3 муайян кардани самтҳои фаъолият.

5.5 Дар як моҳ на камтар аз як маротиба маҷлиси умумӣ гузаронда мешавад. Мувофиқи хоҳиши нисфи аъзои ММ ва ё аз рӯи дархости  мақомоти идоракунӣ метавонанд ҷаласаҳои ғайринавбатӣ доир карда шаванд.